**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи «Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар як баромади худ ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, фаъолияти Ҳукумати ҷумҳуриро барои мусоидати ҳамаҷониба дар рушди соҳаи маорифи кишвар равона сохта, дастуру ҳидоятҳои зарурӣ ироа менамоянд. Аз ҷумла, бо мақсади рушди босуботи тамоми соҳаҳои ҳаёти Ҷумҳурии Точикистон, низоми маориф ва ислоҳоти ботадриҷ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ташаккули низоми таҳсилоти муосир ва ҷавобгӯйи талаботи замон, таҳкими заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, Президенти кишвар соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок эълон кардаанд.

Мавзуи интихобнамудаи довталаб таҳти унвони "Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ", яке аз масоили мубрами имрӯзаи таҳсилот маҳсуб ёфта, ин таҳаввулоти глобалии ҷомеаи муосир дар соҳаи иқтисодӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бетаъсир намондааст. Ҷомеаи имрӯза ба шахсиятҳои дорои сифатҳои ҳадафманду боазм, ташаббускору боғайрат ниёз дорад. Дар чунин шароити бозсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, демократикунонии раванди таълиму тарбия, дигаргунсозии мундариҷаи маориф сурат мегирад. Дар шароити кунунии низоми маориф вазифаҳои аввалиндараҷа ҷустуҷӯ ва татбиқи раванди таълим чунин бояд ташкил карда шавад, ки на танҳо ба ташаккули босамари сатҳи назарии таълим,

маҳорату малакаи амалӣ, балки инчунин ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва кӯшиш барои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ мусоидат намояд.

Мавриди тавачҷуҳ аст, ки дар таҳқиқоти илмии худ Мирмаматова М.Р. таҳлили вазъи масъала дар назария ва амалияи воқеии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ошноӣ бо адабиёти фарогир дар бораи мушкилоти тафриқа ва фардисозӣ ба хулосае меояд, ки тафриқа яке аз принсипҳои асосиест, ки гуманизатсияи таълим дар он асос ёфтааст. Ин мушкилот диққати олимони ватаниро дар марҳилаҳои гуногуни рушди мактаб чалб намуд, ки ин аз таъсири таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ба рушди шахсият вобаста аст ва дар баланд бардоштани фаъолияти таълимии мактаббачагон, рушди нерӯи эчодии онҳо, фароҳам овардани заминаҳои интихоби пурмазмуни касб ифода ёфтааст.

Рисолаи илмӣ аз се боб, нуҳ зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар боби якум оид ба **"Асосҳои илмӣ - назариявии ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим"** – бо такя ба дидгоҳҳои олимони соҳа, таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ҳамчун муаммои педагогӣ баррасӣ шуда, моҳияти педагогии он ошкор гардидааст ва тавсифи умумии ин навъи таълим анчом ёфта, шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим муайян шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия **"Муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ шакли такмили низоми таълим дар мактаби муосир"** муаммоҳои дар раванди таълим фардикунонии таълим ва шакли тафриқавии кор бо хонандагон мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия **"Истифодаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар дарсҳои забони англисӣ – воситаи ташаккули шахсияти хонандагон"** баррасӣ гардидааст. Инфиродикунонии таълим аз рӯи параметрҳои гуногун амалӣ кардан мумкин аст. Аввалан, ҳар як хонанда барои аз худ кардани маводи таълимӣ вақти гуногун сарф менамояд ва ин вақт барои ҳар як кӯдак дарёд кардани мати инфиродӣ аст. Ҳангоми

додани чунин вазифаи хонагӣ, одатаи инро назорат мекунанд, то кӯдакон тасаввуроти тахминӣ дошта бошанд, ки барои иҷрои вазифаи муайян ё такрори матн чи қадар вақт лозим аст.

Автореферати диссертатсия хеле амиқ дар доираи диссертатсия навишта шуда, дар маҷмӯъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад.

Хулоса, кори тадқиқотии Мирмаматова Манижа Рустамовна дар мавзӯи "Рушди самараноки фаъолияти таълимӣ - тарбиявии хонандагон тавассути истифодаи муносибати инфиродӣ - тафрикавӣ" таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзӯи диссертатсия мебошад ва муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон  
15. 08. 2025

Аҳрорӣ Гулчеҳрахон Усмонзода

Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169. Тел: (+992) 927422565. g_ahrorova@mail.ru

Имзои Г.У. Аҳрориро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Маҳмудов Ш.У.